ХУЛОСАИ

комиссияи коршиносони шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович «Механизми ташкилӣ-иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

аз 02 ноябри соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи коршиносони шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Аминов И., д.и.и., профессор - раиси комиссия, Сафозода А.К., д.и.и., дотсент – аъзои комиссия, Орипов А.С., н.и.и., дотсент, мутобиқи банди 64-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Ҷураев Шоҳрух Неъматович **хулосаи** зеринро қабул намуд:

1. Мавзӯи диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович «Механизми ташкилӣ-иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, муҳим ва рӯзмарра буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида ҳисобида мешавад, ки он ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар заминаи самаранок истифодабарии имтиёзҳои гумрукӣ бахшида шудааст.

Мубрамияти мавзӯи диссертатсионии «Механизми ташкилию иқтисодии баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ» бо зарурати такмили воситаҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ, беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ муайян мегардад. Имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими танзими давлатии иқтисодиёт метавонанд ба коҳиш додани хароҷоти соҳибкорон, воридоти технология ва таҷҳизоти муосир, навсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва рушди фаъолияти содиротӣ мусоидат намоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ин самт муайян намудани самаранокии воқеии имтиёзҳои гумрукӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои мушаххас, аз ҷумла

афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, зиёд шудани сармоягузорӣ, навсозии фондҳои асосӣ, рушди содирот, афзоиши арзиши иловашуда ва воридоти минбаъдаи андозҳо ба буҷет мебошад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо ҳамчун воситаи коҳиши пардохтҳо, балки ҳамчун механизми ҳавасмандгардонии рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ арзёбӣ карда шаванд.

Мубрамияти таҳқиқот инчунин бо зарурати ташаккули механизми мукаммали ҳамкории мақомоти гумрук, андоз, сохторҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ ва худи субъектҳои хоҷагидорӣ алоқаманд мебошад.

Аз нигоҳи илмӣ, зарурати таҳқиқот аз нокифоя омӯхта шудани масъалаҳои арзёбии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба нишондиҳандаҳои рушди соҳибкорӣ, муайян намудани меъёрҳои самаранокии онҳо ва таҳияи механизми ташкилию иқтисодии истифодаи мақсадноки чунин имтиёзҳо бармеояд. Дар ин замина, асоснок намудани равишҳои методӣ барои баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ ва муайян намудани самтҳои такмили механизми татбиқи онҳо аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҳамин тариқ, таҳияи механизми ташкилию иқтисодии баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ масъалаи мубрами илмӣ ва амалӣ буда, ҳалли он метавонад ба беҳтар шудани муҳити соҳибкорӣ, истифодаи мақсадноки имтиёзҳои давлатӣ, ҷалби сармоягузорӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ, баланд гардидани рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 40 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 29-36 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591) мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси илмии 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ), ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-63 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри

соли 2024 (№488/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 3 мақола дар алоҳидагӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 9 ва 10-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 69-73 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591), комиссия пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович «Механизми ташкилӣ-иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Раҳматзода Рустам - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;
- Саидзода Қурбоналӣ Саид - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

3). Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» таъин карда шавад.

4). Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
д.и.и., профессор **Аминов И.**

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:

н.и.и., дотсент **Сафозода А.К.**

н.и.и, дотсент **Орипов А.С.**